# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-О17-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

« 7 » 04 соли 2023 ш. Душанбе

1.Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи унвонҷӯ ба шумор меравад. Андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаву тавсияҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия мутааллиқ мебошанд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби диссертант мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада таҷассуми худро ёфтаанд. Мақсади кори диссертатсионӣ таҳияи консептуалии ҷанбаҳои асосии идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи ҷануби наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда иборат аз он аст, ки омӯзиши дақиқи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва минтақаҳои наздисарҳадӣ, тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазирро дар назар гирифта шудааст, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми ноябри соли 2022, таҳти №268/ш.д. ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя пешниҳод шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 4 ҷузъи чопӣ) ба нашр расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мавзуи диссертатсия бевосита иртибот доранд. Дар интишороти илмӣ натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Сафаров А.М истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Сафаров А.М маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи  усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии  номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият

(08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O17-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- Сафоев Абдумаҷид Каримович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисоди
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шарипов Б.М

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Рауфӣ А.

доктори илмҳои кишоварзӣ Садриддинов С.
аъзои Шурои диссертатсионӣ